**ХУЛОСАИ**
**ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-029 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**Парвандаи аттестатсионии №___**

**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 28 декабри соли 2023, тахти №16 дар бораи ба Амирхон Шоҳҳусайн Талбонӣ, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон додани дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03- таърихи фалсафа**

Диссертатсия дар мавзуи «Фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа» 22-юми декабри соли 2022 дар Шурои диссертатсионии 6D КОА-029 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, суртамаҷлиси №19 мавриди муҳокима қарор ва мусбат арзёбӣ гардида, аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармоиши №160/ди аз 21 июни соли 2023) бо сабаби риоя нагардидани талаботи банди 42 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) барои ҳимояи такрорӣ баргардонида шудааст. Диссертатсия 25-уми сентябри соли 2023, суратмаҷлиси №05 аз ҷониби Шурои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.02.2022) ба ҳимояи такрорӣ қабул карда шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Амирхон Шоҳҳусайн Талбонӣ, соли таваллудаш 1981, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Соли 2004 факултети филологияи Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ)-ро аз рӯйи ихтисоси филолог-менеҷер хатм намудааст. Аз соли 2004 дар вазифаҳои аспирант, ассистент, муаллими калон, дотсент, ҳамзамон муовини декан оид ба илм (солҳои 2011-2012) ва муовини декан оид ба таълими (солҳои 2012-2016) факултети фалсафаи ДМТ фаъолият кардааст. Аз соли 2016 то имрӯз дар вазифаи мудири кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи ДМТ ифои вазифа дорад. Соли 2011 рисолаи номзадии худро дар мавзуи «Андешаҳои фалсафию ахлоқӣ дар ирфони Аҳмади Ғазолӣ» аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа ҳимоя намудааст. Соли 2021 бо нишони «Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» қадрдонӣ шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 31.10.2014, протоколи №3 тасдиқ шудааст.

Аз рӯйи санҷиши низоми "Антиплагиат" ҷиҳати асолати матни автореферати диссертатсияи Амирхон Ш.Т. маълумотнома бо

нишондоди мусбати 94,37% (бе назардошти иқтибосот) пешниҳод шудааст.

**Роҳбари илмӣ**: **Муҳммадалӣ Музаффарӣ** – доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви вобастаи АМИТ, директори Маркази антропологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

Диноршоева Зарина Мусоевна – доктори илмҳои фалсафа, сарходими илмии шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи академик А. Баҳоваддинови АМИТ;

Султонзода Соқӣ Аслон – доктори илмҳои фалсафа, мудири кафедраи забони франсавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ;

Карамхудоев Шукрат Худоназарбекович – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби эксперти кафедраи илмҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи мазкур Раҳимов М.Ҳ. таҳия шуда, аз ҷониби мудири кафедраи мазкур, номзади илмҳои таърих, дотсент Шарофов Э. имзо ва аз ҷониби ректори ҳамин муассиса, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Давлатзода Қ.Қ. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Амирхон Шоҳҳсайн Талбонӣ дар мавзуи «Фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ», аз лиҳози мазмун ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа мебошад.

Дар интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар он нукта ба асос гирифта шудааст, ки онҳо аз руйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи таҳқиқшавандаи диссертатсияи Амирхон Шоҳҳусайн Талбонӣ иртиботи мустақим доранд.

Довталаб вобаста ба мавзуи диссертатсия 22 маводи интишорӣ, аз ҷумла 1 монография, 21 мақолаи илмӣ дорад, ки аз ҷумлаи онҳо 16 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсиониии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Интишороти довталаб нуктаҳои асосӣ, натиҷа ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

**Номгӯйи корҳои муҳимтарине, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамоянд:**

I. **Монография:**

1. Амирхон, Ш.Т. Фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ [Матн] /Ш.Т.Амирхон. -Душанбе: “ЭР-граф”, 2022. -368с.

## II.Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

2. Амирхонов Ш.Т. Идейные предпосылки философии Кутбиддина Ширази [Текст] /Ш.Т. Амирхонов// Вестник Таджикского национального университета. - Душанбе, 2019, №3. С. 141-145.
3. Амирхонов Ш.Т. Теоретические источники формирования философского учения Кутбиддина Ширази [Текст] /Ш.Т. Амирхонов // Известия Института философии, политологии и права им. А. Баховаддинова АН РТ. -Душанбе, 2019, №3. С.89-94.
4. Амирхон Ш.Т. Назаре ба осори фалсафии Қутбиддин Шерозӣ [Матн] /Ш.Т. Амирхон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, №3. – Душанбе, 2020. С.99-108.
5. Амирхон Ш.Т. Қутбиддин Шерозӣ ва фалсафаи асримиёнагии тоҷик [Матн] /Ш.Т. Амирхон // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, №2.–Душанбе, 2020. С. 120-125 (ҳаммуаллиф: Ҷураев К.Ҷ.).
6. Амирхон Ш.Т. Назари Қутбиддини Шерозӣ доир ба моҳияти ахлоқ ва моҳияти он дар ҷомеа [Матн] /Ш.Т. Амирхон // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон, №5. –Душанбе, 2020. С. 134-140.
7. Амирхон Ш.Т. Масъалаи тағйирпазирии ахлоқ дар таълимоти Қутбиддин Шерозӣ [Матн] /Ш.Т. Амирхон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, №6. –Душанбе, 2020. С. 107-113.
8. Амирхон Ш.Т. Мафҳум ва мазмуни сиёсат дар таълимоти Қутбиддин Шерозӣ [Матн] /Ш.Т. Амирхон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, №8. –Душанбе, 2020. С. 383-390.
9. Амирхон Ш.Т. Фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ ва аҳамияти таҳқиқи он [Матн] /Ш.Т. Амирхон // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.- Душанбе, 2020, №2. С.134-142.
10. Амирхон Ш.Т. Аҳамияти таҳқиқи фалсафаи амалӣ ва таълимоти Қутбиддин Шерозӣ [Матн] /Ш.Т. Амирхон // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.- Душанбе, 2020, №4. С.12-16.
11. Амирхон Ш.Т. Назаре ба дараҷаи омӯзиши шахсият ва афкори фалсафии Қутбиддин Шерозӣ [Матн] /Ш.Т. Амирхон // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. - Душанбе, 2020, №3. С. 132-137.
12. Антропологияи Қутбиддин Шерозӣ [Матн] /Ш.Т. Амирхон // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовиддинови АМИТ. №2. Душанбе, 2021. С.71-75.
13. Амирхон Ш.Т. Зуҳури фалсафаи амалӣ ва марҳилаҳои рушди он [Матн] /Ш.Т. Амирхон // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.- Душанбе, 2021, №3. С.75-83.
14. Амирхон Ш.Т. Фалсафаи иҷтимоии Қутбиддини Шерозӣ [Матн] /Ш.Т. Амирхон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, №3. – Душанбе, 2021. С. 122-130.

15. Амирхон Ш.Т. Оила ҳамчун институти иҷтимоӣ дар таълимоти Қутбиддини Шерозӣ [Матн] /Ш.Т. Амирхон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, №3. –Душанбе, 2021. С.152-160.
16. Амирхон Ш.Т. Таснифоти илмҳо дар таълимоти Қутбиддини Шерозӣ [Матн] /Ш.Т. Амирхон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, №6. –Душанбе, 2021. С. 97-103.
17. Амирхон Ш.Т. Меъёр ва сифатҳои ахлоқӣ аз назари Қутбиддини Шерозӣ [Матн] /Ш.Т. Амирхон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, №5. –Душанбе, 2022. С.119-131.

III. **Мақолаҳои илмӣ, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:**

18. Амирхон Ш.Т. Кори иҷтимоӣ фаъолияти инсонгароист [Матн] / Ш.Т. Амирхон // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи: «Ташаккули кори иҷтимоӣ ҳамчун касб дар Тоҷикистон: вазъи имрӯза, дастовардҳо ва дурнамои рушди соҳа». - Душанбе, 2018. С.115-117.
19. Амирхон Ш.Т. Ахлоқ ва нақши он дар солимии ҷомеа аз назари Абӯбакри Розӣ [Матн] /Ш.Т. Амирхон, Абубакри М.Г. // Маводи семинари илмию амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Фалсафаи муосири тоҷик: мушкилот,дурнамо ва роҳҳои рушд. -Душанбе, 2021. С.211-219 (ҳаммуаллиф: Абубакри М.Г.)
20. Амирхонов Ш.Т. Фалсафаи амалӣ ва ҷойгоҳи он дар низоми илмҳои фалсафӣ [Матн] /Ш.Т. Амирхон // Маводҳои конференсияи илмию амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои муҳими рушди фалсафа дар Тоҷикистони муосир». – Душанбе – 2019. С.143-152.
21. Амирхон Ш.Т. Фалсафаи амалӣ ва мақоми он дар ҷомеаи муосир [Матн] /Ш.Т. Амирхон // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналхалқӣ дар мавзуи «Масоили мубрами илмҳои ҷомеашиносӣ дар замони муосир» бахшида ба 30–солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 20-солагии таъсисёбии факултети фалсафаи ДМТ. -Душанбе, 2021. С. 106-114.
22. Амирхон Ш.Т. Оила ва нақши он дар танзими муносибатҳои иҷтимоӣ аз назари Қутбиддин Шерозӣ [Матн] /Ш.Т. Амирхон // Нақши институти оила дар рушди босуботи давлатдории миллӣ (Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ). –Душанбе, 2022. С.119-129.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби** доктори илмҳои фалсафа, профессор, академики АМИТ, сарходими илмии шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ба ҳуқуқи ба номи академик А.Баҳоваддинови АМИТ – **Олимов Кароматулло тақриз навишта шудааст.**

Тақризи пешниҳодшуда мусбат буда, дар он ду эрод: 1. Диссертант дар бораи таъсири таълимоти Қутбиддин Шерозӣ ба фалсафаи Ғарб сухан меронад, вале мушаххасан ба кадом файласуф, дар кадом масъала ва кадом асар таъсири ӯ сурат гирифтааст, нишон надодааст; 2. Мақолаҳо ва асарҳои муҳаққиқони тоҷик ва хориҷиро дар бораи Қутбиддин Шерозӣ зикр намуда аз олими эронӣ Сиддиқӣ Сафизода “Таърихи фалсафаи Эрон”, ки фасле дар бораи Қутбиддин Шерозӣ дорад, муаллиф

ёдовар намешавад. Диссертант навиштааст, ки Қутбиддин Қуръонро дар 40 чилд тафсир кардааст, вале Сиддиқӣ ин тафсирро 30 чилд зикр кардааст ва ин рақам бояд саҳеҳ мешуд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар таҳқиқоти диссертатсионии довталаб:**

аввалин бор дар адабиёти таърихи фалсафа фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ дар шакли комплексӣ ва системавӣ объекти таҳқиқ қарор дода шудааст. Ҳамчунин:

- таснифоти илмҳо аз назари мутафаккир таҳлил ва мақому ҷойгоҳи фалсафаи амалӣ дар низоми илмҳои фалсафӣ **равшан гардидааст**;
- таҳлил ва баррасии осори Қутбиддин Шерозӣ вобаста ба мавзуъ, муҳтаво ва самти илмӣ **тасниф шудааст**;
- **муайян карда шудааст**, ки Қутбиддин Шерозӣ ахлоқро ҳамчун илми фалсафие муаррифӣ менамояд, ки моҳияти ҳастии инсон, ҳадафҳои вуҷудияти онро муайян намуда, таъминкунандаи саодат аст ва монеаҳои замонӣ, қавмию нажодӣ ва динию мазҳабиро намеписандад;
- тағйирпазир будани ахлоқ аз назари мутафаккир ошкор гардида, таноқузҳои фикрӣ доир ба ин масъала **нишон дода шудааст**;
- арзиши меъёр ва сифатҳои ахлоқии муайяннамудаи Қутбиддин Шерозӣ барои ҷомеаи муосир ва тарбияи насли наврас **ошкор карда шудааст**;
- назари Қутбиддин Шерозӣ доир ба оила ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ аз диди муқоисавӣ таҳқиқ гардида, мувофиқати андешаҳои ӯ ба замони муосир **муайян гардидааст**;
- **исбот карда шудааст**, ки Қутбиддин Шерозӣ яке аз асосгузорони фалсафаи тарбияи инсон аст, ки усулҳои тарбияро вобаста ба қобилият, шавқ, ирода ва бидуни озори ҷисмониву равонии тарбиятгиранда, ки дар илми ахлоқ, педагогика ва психологияи муосир афзалият доранд, пешниҳод ва ҷонибдорӣ намудааст;
- **нишон дода шудааст**, ки Қутбиддин Шерозӣ сиёсатро иборат аз таъмини зиндагии шоистаи аҳли ҷомеа ва воситаи дарёфти роҳҳои мувофиқи идораи давлат, иштироки аъзои ҷомеа дар идоракунии давлат донистааст, ки ба ақидаи Макс Вебер шабоҳат дорад;
- **ошкор гардидааст**, ки дар таълимоти Қутбиддин Шерозӣ «гуманизми сиёсӣ» мавқеи марказиро ишғол намудааст ва мутафаккир ҷонибдори сиёсати инсонмеҳвар ва низоми сиёсию иҷтимоие мебошад, ки дар асоси ҳамфикрии шаҳрвандон ва адолати иҷтимоӣ ташкил шуда бошад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур,** қабл аз ҳама дар он аст, ки хулосаю натиҷаҳои бадастомадаи кори диссертатсиониро метавон ҳангоми анҷом додани корҳои таҳқиқотӣ доир ба таърихи фалсафа, ахлоқ, таърихи андешаҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва педагогӣ ба таври васеъ мавриди истифода қарор дод. Илова бар ин, мавод ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ, курси лексияҳо ва дастуру воситаҳои таълимӣ аз фанҳои таърихи фалсафаи

тоҷик, этика, афкори иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангшиносӣ истифода намудан аз манфиат холӣ нест. Хулосаҳои назариявӣ ва натиҷаҳои бадастомадаро ҳангоми бурдани корҳои тарбиявӣ ва ташвиқотӣ дар самти баланд гардонидани худшиносии миллӣ, эҳтиром ба арзишҳои фарҳанги миллӣ, пешгирӣ аз хурофот ва таассуботи динӣ ва рушди тафаккури илмию эҷодӣ низ истифода кардан мумкин аст.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта,** дар ҳалли вазифаҳои гузошташуда аз усули ратсионализми фалсафаи амалӣ, гипотетикӣ-аксиоматикӣ, таҳлили муқоисавӣ ва усулҳои герменевтикӣ ва умумимантиқӣ истифода шудааст.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад:**

- таклифу пешниҳодҳои дар диссертатсия баёнгардида метавонанд ҳангоми бурдани корҳои тарбиявию тарғиботӣ ҷиҳати пешгирӣ аз гаравиш ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ, инчунин тарбияи ахлоқӣ, боло бурдани ҳисси худшиносиву худогоҳии насли муосир ба таври васеъ истифода шаванд;
- нуктаҳо ва хулосаҳои асосии таҳқиқот метавонанд дар ҷараёни фаъолияти амалии Кумитаи ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сабти ҳолати шаҳрвандӣ ва дигар мақомотҳои марбут ба тарбия, оила ва корҳои тарғиботию идеологӣ истифода шаванд;
- маводи диссертатсия метавонанд ҳангоми гузаронидани дарсҳои таълимӣ аз фанҳои таърихи фалсафа, фарҳангшиносӣ, этика ва таърихи таълимоти иҷтимоию сиёсӣ ва ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани корҳои хатмкунӣ, рисолаҳои магистрӣ ва диссертатсияҳои илмӣ ба таври васеъ мавриди истифода қарор гиранд.

**Баҳои боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқот ошкор намуд, ки:**

- ҷанбаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ба асарҳои Қутбиддин Шерозӣ, сарчашмаҳо ва осори дигари таҳқиқотӣ доир ба фалсафаи амалӣ асос ёфта, ба маводи чопнамудаи унвонҷӯ, ки дар доираи мавзуи диссертатсия ба нашр расидаанд, мувофиқат менамоянд;
- дар таҳқиқоти диссертатсионӣ маводҳои муътамад истифода шудаанд, ки саҳеҳнокии натиҷаҳои бадастовардашудаи таҳқиқотро таъмин менамоянд;
- эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро дурустии маълумот, кифоягии маводҳо, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, таҳлилу баррасӣ ва мусоҳибаи муаллиф бо муҳаққиқони соҳа ва муқоисаи илмию амалӣ тасдиқ менамояд. Хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти пешниҳод шудаанд;
- пешниҳодҳои илман асоснок ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар муқоиса бо нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда дорои хусусияти навгонӣ ҳастанд;

- нуктаҳои илмии дар диссертатсия пешниҳодшуда ба татбиқи сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти илм, маориф ва фарҳанг мусоидат менамоянд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ иборатанд аз:**

- коркарди асосҳои назариявии дар самти таҳқиқи фалсафаи амалӣ ва мусоидат дар ташаккули давлатдории миллӣ, ахлоқ, масоили марбут ба оила, шуури сиёсӣ ва дар маҷмуъ, ҳифзи арзишҳои фарҳанги миллӣ, пешниҳодҳои асоснокшуда;
- маводҳои нашрнамудаи муаллиф аз рӯйи мавзуи диссертатсия, ки 22 номгӯйро (дар ҳаҷми 44,6 ҷ.ч), аз ҷумла 1 монография, 16 мақола дар маҷаллаҳои ба феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомилбуда ва 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии дигар;
- ба тасвиб расидани натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар конференсияҳои илмии назариявию амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ;
- ғояҳо ва натиҷаҳои таҳқиқот бо дарназардошти натиҷаҳои назаривӣ, хулосаҳо, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионӣ аз 28 декабри соли 2023 қарор қабул карда шуд, ки ба Амирхон Шоҳҳусайн Талбонӣ дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа дода шавад.

Дар асоси овоздиҳии пинҳонӣ Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати 13 нафар, аз онҳо 5 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда иштироккунандагон аз 15 нафар аъзои доимии Шурои диссертатсионӣ овоз доданд: тарафдор - 13 нафар, зид - нест, бетараф - нест.

**Муовини раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа, профессор** **Ахмедов С.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа** **Муминов А.И.**

28 декабри соли 2023